## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода оид ба диссертатсияи Раҳимова Шаҳло Дилшодовна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии вожаҳои такрорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи тарҷума» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302–Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).**

Диссертатсияи Раҳимова Шаҳло Дилшодовна ба омӯзиши муқоисаи вожаҳои такрорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Воқеан, муаллиф дуруст қайд менамояд, ки масъалаи омӯзиши «Таҳлили муқоисавии вожаҳои такрорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи тарҷума» ба яке аз масъалаҳои мубрам табдил ёфта, он дар қисматҳои алоҳидаи забоншиносӣ дар замони муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ -таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ комилан **мутобиқат менамояд.**

Таҳқиқи анҷомдодаи диссертант аз ҷиҳати илмӣ арзишманд буда, аввалин таҳқиқот дар бахши забоншиносии муқоисавӣ роҷеъ ба вожаҳои такрори забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ мебошад. Дар диссерататсия мавзуи мазкур мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки ба рушду такомули қисмати наҳви забоншиносӣ таъсири мусбат расонида метавонад.

Таҳқиқи хусусиятҳои сохториву маъноӣ, воситаҳои асосии грамматикӣ ва семантикии вожаҳои такрор, ки то имрӯз норавшан буд, ҳамчунин метавонанд заминаи муосирро барои фаҳму идроки мардумони гуногунзабон тавассути «Таҳлили муқоисавии вожаҳои такрорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи тарҷума», ки муҳимтарин василаи ифодакунандаи тасвири забони муошират ва масъалаҳои дигар ба ҳисоб меравад, муҳайё созад.

Муаллиф вобаста ба кори таҳқиқотӣ 5 мақолаи илмиро дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд ва 8 мақолаи дигар дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расонидааст, ки дар маҷмуъ натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои муҳаққиқро инъикос намуда, ба мазмун ва муҳтавои диссерататсия бевосита алоқаманд мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи диссертант фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Раҳимова Шаҳло Дилшодовна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Кори таҳқиқотии муҳаққиқ аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва дигар маводи илмӣ *(фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2024, №493)*» таълиф шудааст. Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф муҳиммияти интихоби мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва хаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки масъалаи таҳлил ва омӯзиши вожаҳои такрорӣ дар забони тоҷикӣ ва муқоисаи он ба забони англисӣ бо муқоисаи хусусиятҳои сохторӣ-маъноӣ, воситаҳои грамматикӣ ва тобишҳои гуногуни маънои иловагии онҳо пурра ва возеҳу равшан ифода ёфтааст.

Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи **Раҳимова Шаҳло Дилшодовна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии вожаҳои такрорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи тарҷума»,** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021302- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Раҳимова Шаҳло Дилшодовна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии вожаҳои такрорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи тарҷума» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302–Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар асоси банди 60-и тартиб додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Раҳимова Шаҳло Дилшодовна дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии вожаҳои такрорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи тарҷума»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302–Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302–Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ **пешниҳод менамояд:**

- **Юсупова Зарина Розиқовна -** доктори илмҳои филологӣ, профессори забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;
- **Наҷмиддинов Акбаршоҳ Файзуллоевич** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи мутолиоти аврупоии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда Муассисаи давлатии таълимии **"Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ"** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ**:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ
Қосимов Олимҷон Ҳабибович

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент — Матробиён Саодатшо Қосимзода
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент — Джамирова Леммара Иосифовна

« 21 » июни соли 2025

Имзоҳои О.Ҳ. Қосимов, М.С.Қосимзода
ва Л.И.Джамироваро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода — Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

**Нишонӣ:** 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода»
Тел.: +992 372325000, Факс: +992 372325003,Сомона: www.dbz.tj